# ПРОТОКОЛИ №31
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

аз 01.10.2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Салимзода А.Ф.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №171/шд тасдиқ шудааст, 16 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экпертизаи аввалия кабул намудани диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

**Баромад намуданд:** раиси шурои диссертатсиони д.и.к. Салимзода А.Ф., котиби илмии шуро н.и.к. Пӯлотова Ш.С. ва аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.б. Исмоилов М.И. ва д.и.к. Партоев Қурбоналӣ,

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон” барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба экспертизаи аввалия кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қурбоналӣ (раиси комиссия);

- доктори илмҳои биологӣ, профессор Каримов Музафар Каримович. (аъзо);

- номзади илмҳои кишоварзӣ Умарова Соҷида Ҷобировна (аъзо).

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор-16 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Салимзода А.Ф

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Ш.С.